**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 –**
**и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

## ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардида, асосҳои методологии он изҳор шуда, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалиявии он тавсиф гардида, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён карда шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар натиҷаи таҳлили пайдарҳамии мушкилоти муайян намудани проблемаҳои назариявӣ, конунгузорӣ ва амалӣ вобаста аст, инчунин аз меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятие иборат аст, ки инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятӣ расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, табиати ҳуқуқи ҷиноятии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, мафҳум ва аломатҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, мақсади ҷавобгарии ҷиноятӣ

барои ин ҷиноятро фаро мегирад ва дар ин замина, коркарди роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда дар самти такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, мавриди омузишу баррасӣ қарор додааст. Дар автореферат ба таври маҷмуӣ муаллиф бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои таҳдили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими конунгузории ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар пайвастагӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имруза мубрам мебошанд. Мақсади таҳқиқоти мазкур низ пеш аз ҳама, барои муайян намудани фардияти баҳогузории чунин навовариҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ ба шумор меравад, ки ҷолиби диққат мебошад. Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи авторефератро ҳамчун падидаи прогресивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода сари камбудиҳои моддаи 253 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон руҷуъ намуда, бахри такмил додани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ камари ҳиммат бастааст.

Тарафи мусбии дигари автореферат дар он аст, ки муаллиф омори ҷинояткориро дуруст пешниҳод мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ рӯ ба болоравӣ дорад. Масалан, дар соли 2014 – 2891, соли 2015 – 3060, соли 2016 – 2797, соли 2017 – 3521, соли 2018 – 3547 ва соли 2019 – 3572 ҷиноятҳои иқтисодӣ содир карда шудаанд[1]. Дар байни ҷиноятҳои иқтисодӣ содиршавии ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (м. 253 КҶ ҶТ) низ назаррас мебошад. Масалан, дар соли 2012 – 83; 2013 – 53; 2014 – 34; 2015 – 19; 2016 – 24; 2017 – 22; 2018 – 12, 2019 – 38, 2020 – 84, 2021 – 62 ва 2022 – 32, яъне танҳо дар ёздаҳ сол 463 ҷинояти расонидани

[1] Ниг.: Шарипов С.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон: дис. ... номз. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2023. – С. 6-7.

зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (м. 253 КҶ ҶТ) содир карда шудааст, ки ин нишондиҳанда ташвишовар мебошад. Ҳамзамон, ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (м. 253 КҶ ҶТ) дар бештар маврид хусусияти латентиро ба худ касб намудааст.

Дар баробари ҷабҳаҳои мусбии баъзе эродҳо пешниҳод кардан мумкин аст:

Аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки зербоби якуми боби дуюми рисолаи илмӣ «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объект ва предмети расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» ном дошта, дар ин зербоб муаллиф дар автореферати рисолаи илмии худ оид ба объект ва предмет ҷинояти баррасишаванда маълумоти умумӣ дода, дар охир ба сифати предмети ҷиноят кадом ашёҳои олами моддӣ бароммад менамояд, нишон додааст. Аммо ба сифати объекти ҷиноят ё намудҳои он кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад менамоянд ақидаи худро пешниҳод баён накардааст. Бинобар ин, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки андешаи иловагии худро оид ба ин масъала иброз намояд.

Аммо эроди мазкур ба ҷанбаҳои мусбии кор таъсир намерасонад ва хусусияти мубоҳисави дорад.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз руи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботдои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тадти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

*Тақриздиҳанда:*
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ
Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковник Ҳусейнова М.С.

Имзои Ҳусейнова М.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи
олии сарҳадии КДАМ
Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковник Бурҳонов М.
«26» апрели 2024 сол.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,** Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, **734025, ш.Душанбе, кӯчаи М.Турдиев 42; (+992) 224-20-38; 93-553-74-81, munajon_83@mail.ru.**